Бо мушрикон, бо молҳоятон, ҷонҳоятон ва забонҳоятон ҷиҳод кунед

Аз Анас (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: "Бо мушрикон, бо молҳоятон, ҷонҳоятон ва забонҳоятон ҷиҳод кунед."
[Саҳеҳ] [رواه أبو داود والنسائي وأحمد]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) амр карданд, ки бо кофирон ҷиҳоду мубориза бурда шавад ва бо тамоми имконот дар муқобили онҳо кӯшиш ба харҷ дода шавад, то калимаи Худованд болотар бошад. Аз ҷумлаи он: Аввал: Сарф кардани мол дар роҳи ҷиҳод бар зидди онҳо, аз ҷумла харидани силоҳ, таъмин кардани муҷоҳидон ва монанди он. Дувум: Баромадан бо ҷону тан, яъне хуруҷ ба ҷабҳа барои рӯбарӯ шудан ва дифоъ аз дини Худо. Севум: Даъват кардан бо забон, ба ин дин, иқомаи ҳуҷҷат бар алайҳи онон, маломат кардан ва посух додан ба онон бо сухан ва ҳуҷҷат.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/64597